# Шамшери фарҳанг ҷавҳар дорад!

*Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ*

Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ соли 1938 дар Қубодиёни Тоҷикистон ба дунё омада, соли 1956 дабиристонро ба поён бурда, солҳои 1957-1962 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил карда, риштаи адабиётро ба поён расондааст. Бо дипломи сурх; давраи номзадиро (аспирантура) дар ҳамон Донишгоҳ ба поён бурда, дар мавзуи “Саҷъ ва сайри таърихии он” рисолаи номзадӣ анҷом додааст; устоди ҳамон Донишгоҳ будааст, аз соли 1980 то 1992 раёсати кафедраи адабиёти муосирро бар ухда доштааст; соли 1980 рисолаи докториро ҳимоя ва соли 1982 унвони профессориро дарёфт кардааст.

Аз 1993/1372 дар Эрон ҳузур дорад ва бо коғазу қалам машғул аст. Ҷои кори феълӣ Бунёди Доират-ул-маорифи исломӣ аст. Ҳудуди сӣ китоб ва ҳазор мақола ба чоп расондааст - дар Тоҷикистон, Маскав, бештар дар Эрон.

***Забони форсии тоҷикӣ дар Осиёи Марказӣ ва имрӯз Тоҷикистон чӣ вазъе дорад?***

Мавзуъ печида аст ва бо яке ду сухан имкони боз карданаш нест. Агар фурсат ҳаст, нигоҳе ба таърих бияфканем, то вазъи кунунӣ равшантар шавад. Дар фаслномаи ЭКО (Созмони ҳамкории иқтисодӣ) (пойизи 1380) матлабе бо унвони “Зодгоҳи забону адаби тоҷикӣ” ба чоп расида ва гуфта мешавад, ки нахустин шеърпораи мактуби дастрас “Кӯри хамир омад, хотун дуруғ кунда” аст, ки соли 56 қамарӣ (яъне сездаҳ аср пеш аз рӯзгори мо гуфта шудааст). Пас аз се қарн, Сомониён ин забони дастрасро бар курсӣ нишонданд. Ҳар номае, ки ба дарбор меомад ва берун мерафт, танҳо ба дарӣ буд ва ба забоне дигар мавриди баррасӣ қарор намегирифт. Ҷойгоҳи порсӣ-дарӣ дар минтақа ба андозае буд, ки дар қиёс бо 9 қарни баъдӣ ҳам агарчи риштаи ҳукумат дар дасти туркон буда, забони расмӣ ва номанигорӣ, танҳо ба порсии дарӣ сурат мегирифт, яъне таноби фарҳангӣ дар дасти фарҳангиён будааст.

Пас аз он ки кишварҳои Осиёи Марказӣ ва аз ҷумла давлати Бухоро ба тасарруф ва султаи Шуравӣ даромад, ҳокимони вақт аз тавони порсизабонон эҳсоси хатар карданд ва зери бори найранги пантуркистҳо рафтанд, ва давлати деринаи Бухороро аз миён бурданд; чашмгуруснагоне монанди Файзулло Хоҷаев ба ҳадафи нопоки худ расиданд ва марказҳои дерини

тоҷикон, яъне Самарқанду Бухоро ва Насафу Тирмиз ва Фарғонаро ба Ӯзбекистон бахшиданд. Забони тоҷикӣ танҳо дар Тоҷикистон давлатӣ буд, танҳо ба ном давлатӣ ва расмӣ буд, дарвоқеъ хонагӣ шуд; кор то ҷое расид, ки нишастҳо дар Конуни адабиёт, Институти забон ва адабиёти тоҷик гоҳе ба русӣ сурат мегирифт. Нишастҳои раёсати Донишгоҳ инз ҳамеша ба русӣ буд, ки ин суннатро банда шикастам. Дар ҷаласае сухан гуфтан лозим омад; банда гуфтам: “Агар иҷозат ҳаст, ба забони модарӣ сухан гуям”. Муовини райиси Донишгоҳ, шодравон профессор Моёншо Назаршоев, ки риштаи раёсати ҷаласаро бар уҳда дошт, ин ҷасоратро дар худ пайдо карда ва дурандешона ба русӣ гуфт: “Як устод, мудири гуруҳ ба забони худаш сухан гуфтанӣ бошад, мо чӣ ҳам мегуфтем …”.

***Вазъи кунунии алифбои ниёкон дар Тоҷикистон чӣ гуна аст?***

Тоҷикон, ки дар минтақа бедортар буданд, аз ибтикори бозсозии горбачевӣ бештарин истифодаро карданд ва ҷунбише фарогиреро ба роҳ андохтанд. Таназзули ҷомеаи шуравӣ аз солҳои ҳаштоди мелодӣ бар шиддати худ афзуд. Горбачев, ки воқеиятро эҳсос кард, гоми нахустро дуруст бардошт ва дар гоми дувум иштибоҳ кард, ки мавзуъ маҷол мехоҳад имкони ошкорбаёниро фароҳам оварад. Шароити диктатурӣ чунон буд, ки ҳарфи бад дар бораи ҷомеаи Шуравӣ гуфтан мумкин набуд. Яке аз мисолҳояш ин аст: донишманди бузурги замони Шуравӣ, Қаҳрамон Андрей Сахаров, марде ки дар коркарди бомбаи ҳастаӣ хидмат дорад, аз норасоиҳои ҷомеа лаб кушод ва хонабанд шуд ва Горбачев саранҷом гоме бардошт ва аз ин шароити муносиб тоҷикон ҳадди аксари истифодаро бурданд. Дар шумори муҳимтарин иллат, вазъи ногувори забон қаламдод шуд. Аҳли қалами тоҷик ин роҳро пеш гирифтанд, ки ҳаққи заҳмати худро ба Хазинаи забон бирезанд ва талош то ҷое расид, ки соли 1989/1368 забони тоҷикӣ расман бар курсӣ нишаст.

Пас аз фурупошии Шуравӣ, шароите барои озодӣ, аз ҷумла озодии абони модарӣ фароҳам омад ва аммо агарчи ин озодӣ комил буд ва комил ҳаст, то ба имруз вежагиҳои намодин дорад, то воқеъӣ: забони рӯзнома ва маҷалла адабӣ нест, балки маҳаллӣ аст, яъне ба дур аз меъёр; гоҳе забни китоби тоза чоп шуда шикаста аст. Сабаб ин ҷост, ки фарҳангиёни фарҳехта, баъзе аз миён рафта ва баъзе берун рафтаанд, баъзе ҳам шикаста шудаанд ва бо коғазу қалам коре надоранд.

Дар оғози истиқлоли кишвар, ки риштаи ҳукумат шаш моҳ дар дасти Мусолиҳаи миллӣ қарор дошт, яке аз тасмимҳои ҷиддӣ бозгашт ба "расмулхати ниёкон" буд. Тасмим бар ин шуд, ки аз сентябри 1992 (Шаҳревари 1371) дар баъзе мактабҳо тадрис ба хатти ниёкон сурат бигирад. Бо ҳамин ният дусад ҳазор ҷилд китоби дарсӣ барои синфҳои аввал дар Теҳрон ба чоп ҳам расид ва аммо ба дунбол иттифоқоте пеш омад ва он орзу ҷомаи амал напушид … Дарвоқеъ, алифбои кунунии мо мушкил дорад, ки ба унвони мисол, ҳарфи "и" ва аломати зер (касра) дар миёни вожаҳои яксон дар сурати "  " навишта мешавад. Ба назар мерасад, алифбои кунунии форсӣ низ ниёз ба такмил дорад, ки як мисолаш ин аст: "ки" (که) дар мисоли "гуфтам ки…" бо пурсиши "дируз кӣ омада буд?" шакли навишти яксон дорад, яъне ҳамон "ки" (که).

***Вазъ дар Бухоро ва Самарқанд ва … чӣ гуна аст?***

Вазъи фарҳангии Бухоро нохуш аст. Ин шаҳри куҳан, ки зодгоҳи забони дарӣ дар қарни аввали ҳиҷрӣ ва ҳамин тавр зодгоҳи нахустин рузномаи порсии "Бухорои шариф" дар соли 1912 буд, имруз нашрияе надорад ва ҳамон "Бухорои шариф" бо ҳамон унвони шарифаш ба узбекӣ мунташир мешавад. Вазъи Самарқанд андаке беҳтар аст; устод Садриддин Айнии Бухорой, ки аз Бухоро фирор карда ва дар Самарқанд ҳузур ёфта буд, кушишҳо ба харҷ дод ва муваффақ ҳам шуд, то муҳити фарҳангии ин шаҳри куҳан маҳфуз бимонад ва имруз ҳам рузномаҳои тоҷикӣ ба чоп мерасад.

Аз Самарқанду Бухоро нуктаи гарме низ ба ёд мерасад: 22 октябри 1996 (аввали Обони 1375) сарони кишварҳои туркзабон дар Самарқанд гирд омаданд. Ба унвони меҳмон Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов низ ҳузур дошт, вай аз Ислом Каримов, Президенти Ӯзбекистон пурсид: Мехостам, ки ҳазрати олӣ ба як саволи камина ҷавоби ошкоро диҳед, бе дипломатия [...]: "Аҳолии шаҳрҳои Самарқанд ва Бхоро тоҷиканд? Ё узбек?". Ислом Каримов эътироф кард: "Агар мардона, аз рӯи ҳақиқат ва виҷдон изҳори андеша кунам, бояд бигуям, ки аҳолии шаҳрҳо тоҷиканд".

***Вазъи кунунии нависандагону шоирони порсигуи Осиёи Миёнаро чӣ гуна мебинед?***

Ҷои шукрона аст, ки адабиёти тоҷик дар Самарқанду Бухоро ва Тошканд зинда аст; бавежа Самарқанд шоироне тавоно дорад. Яке аз

арзишҳои созандаи истиқлол ин аст, ки акнун осори тоҷикӣ дар зодгоҳи худ низ ба чоп мерасад. Имруз, китобҳое дар Самарқанду Бухоро ва Тошканд ва Ишқободу Алмаато ва ғ. интишор меёбанд, яъне тоҷикон акнун метавонанд садои худро аз хоки поки аҷдоди худ баланд кунанд. Имруз ҳатто дар Маскав ҳам китоби тоҷикӣ чопу нашр мешавад. Вазъи чопу нашр дар оғози истиқлоли Тоҷикистон хуб набуд, ҳам теъдод кам, ҳам сифат хеле бад, аммо ҳудуди чаҳор сол аст раванди чопу нашр суръат гирифта ва сифат ҳам беҳтар шудааст. Муддате аст, ки Президенти Тоҷикистон ба наширону адибон таваҷҷуҳ карда ва тасмим гирифтааст, то ҳамаи осори арзишманди таъхирёфта ба чоп бирасад.

***Аз Лоҳутӣ бигуед ва поёни умри у.***

Устод Абулқосим Аҳмадзода Лоҳутии Кирмоншоҳӣ (1887-1957) дувумин бузургмард дар таърихи адабиёту фарҳанг ва сиёсати тоҷикон, пас аз устод Садриддин Айнии Бухороӣ аст. Дар солҳои панҷоҳ (ва ба баъд) танҳо се нафарро "устод" мегуянд. Рӯдакӣ, Айнӣ ва Лоҳутӣ.

Дар ҳамаи китобҳои дарсии мактабҳо ва донишгоҳ, устод Лоҳутӣ ҷойгоҳ дорад, дар таърихи адабиёти муосир дар ҷои дувум меояд; пас аз устод Айнӣ. Дар дафтари "Ситораҳои Помир", ки дар "Ал-ҳудо" зери чоп аст, матлабе омада, ба унвони "Фоҷеаи шоир", ки ин ҷо ба поёни зиндагии он бузургвор ишорае кутоҳ мешавад, он гоҳ ки ҷон ба ҷонофарин таслим мекард, чизҳое ба забони модарӣ гуфта, ки парастор форсии ӯро балад набуд. Ин ҳам гуфтанӣ аст, ки дар китоби дарсӣ, маънои номи "Лоҳутӣ"-ро дар қолаби "Бехудо" тафсир мекарданд!

Ҷойгоҳи устод Лоҳутӣ пеши тоҷикон андоза надорад. Нахуст ҳамин ки номашро ҳаргиз танҳо ба забон намегиранд, балки ҳамеша "устод Лоҳутӣ" мегӯянд. Дигар ин ки дар ҳамаи ноҳияҳои Тоҷикистон, мактабу хиёбон ва колхозу маҳаллаҳо ба номи ӯ ҳаст. Замоне, хиёбони марказии Душанбешаҳр ба номи ӯ буда, ки баъд "Ленин"-ро ҷойгузин карданд ва хиёбони паҳлуиро ба устоди мо доданд. Муҳимтарин ва деринатарин театри Душанбешаҳр, ки таърихе беш аз шастсола дорад, ба номи устод Лоҳутӣ аст.

***Дар бораи ҳамбастагии фарҳангии Эрон, Афғонистон ва Осиёи Миёна чӣ назаре доред? Чӣ роҳҳои амалиро барои ҳифзу рушди ҳамбастагӣ пешниҳод медиҳед?***

Ин ташбеҳро банда борҳо гуфта ва аз такрораш ҳам хаста намешавад, ки “Эронвичи таърихӣ” бустоне аст бузургу якто ва беҳамто, ки бадхоҳону худхоҳон пора-порааш кардаанд, соҳибхонаро ҳам аз хонааш берун андохтаанд. Ҳамин дируз се пора будем ва имкони рафтуомад надоштем. Гоҳе, дониста ё надониста, забону фарҳанги моро “муштарак” мегуянд, дар ҳоле ки забону адаб ва фарҳанги мор болотар аз ин ҳарф аст, яъне ки якто ва ягона аст. Оё имкон дорад, ки Рӯдакиро танҳо “он тарафӣ” гуфт? Ва ё Фирдавсиро “ин тарафӣ”?.. Ин сухан мантиқ надорад, аммо гиря …

Дар мавриди ҳамбастагӣ банда соли 1372 дар Эрон шарафи ҳузур пайдо кардам; аз ҳамон оғоз дунболи пуле рафт миёни он тараф ва ин тараф. Гуфтугуҳои бисёре анҷом шуд, аз ҷумла дар саҳифҳои матбуот; пешниҳод ин буд: вази феълии Тоҷикистон ва Афғонистон маълум аст ва имкони сохтмони пулро танҳо Эрон дораду бас … Сад шукр, ки имруз талош то ҷое расида, рафтуомади рузафзун, чопу нашри китоб, пажуҳишҳои муштарак ба ин гувоҳ аст. Гоме нахустин бардошта шуд, умед аст гомҳои баъдӣ суръате бештар ва кайфияте болотар пайдо кунад.

***Мегӯянд, Фирдавсӣ пеши тоҷикон …***

Бо арзи пузиш, ки сухани Шуморо мешиканам; ҷойгоҳи ҳаким Фирдавсӣ барои тоҷикон, ҳама тоҷикон, чи тоҷикистонӣ ва самарқандӣ ва чи бухороӣ ва чи фарғонагӣ ва … бисёр бузург аст, чаро ки дар ҳифзи ҳувияти миллӣ ва ғурури мо ёрӣ кардааст; ҷуз аз хиёбону макатб ва … , Китобхонаи миллии кишвар ба номи мубораки ӯст.

Чун маҷоли суҳбат танг аст ва ҳам тафсилоти ин мавзуъ дар дафтари “Порсии дарӣ”, ки дар дасти Амир Кабир аст, ба ҳамин ишора қаноат мешавад.

***Аз Фирдавсӣ, ки сухан рафт, аз алоқаи мардуми тоҷик ба Ҳофиз бигуед? Аз шоирони дигар бигуед?***

Суханро дар бораи Хоҷаи Шероз кашол додан зарурат надорад. Овардани ҳамин як байт аз устод Муъмин Қаноат, ки батамом рост асту дуруст аст ва муболиғае надорад, кофӣ аст: Агар дар хонаи тоҷик тамоми чиз ночиз буд ба ҳар гаҳвора Ҳофиз буд ё девони Ҳофиз буд.

Шоирони дигар, монанди шайх Саъдӣ, ҳаким Умари Хайём, шайх Фариддадин Аттор, мавлавӣ Ҷалолиддини Балхӣ, мавлоно Абдураҳмони

Ҷомӣ ва бисёре дигарон, пеши тоҷикон ҳам азиз ва мукаррам ҳастанд, ба таъбире, ки ин ҷо роиҷ аст: “моли худи мо” ҳастанд.

***Далелҳои ин алоқамандӣ чист?***

Нахустин ва муҳимтарин далел, ҳамзабонӣ аст, ки ишора шуд. Далели дигар, ҳамдинӣ аст; агар ҳам дар миёни авом, таассуби мазҳабӣ ҷой дошта ва аммо бузургони илму адабу фарҳанг, ки зарарҳои сузандаи таассубро эҳсос мекарданд, ҳатто гирифтор мешуданд, кушиш ба харҷ медоданд, то ба асолати динӣ ва ончи созанда аст, кордор бошанд, ва севум ин аст, ки мо тоҷикон мехоҳем фардоро дошта бошем; фардои рушани худро.

***Фардоро чи гуна мебинед ва чи таваққуъе доред?***

Фардо, ба истилоҳ, чанд масир дорад. Ба фардои ҳамзабонӣ ва бурунмарзӣ ишора шуд, аммо фардои дарунмарзӣ нигаронӣ дорад, ҳудуди ду миллион тоҷик, яъне, як севуми аҳолии кишвар, ки бештаринашон омузгор, муҳандис, духтур ва устод ҳастанд коргарӣ рафтаанд ва кушта ҳам мешаванд. Баландтарин пойгоҳи моҳвораии собиқ Шӯравӣ дар Тоҷикистон бар фарози Норак буд; имрӯз ҳам фаъолият дорад, аммо аз он давлати мо нафъе намебинад. Тоҷикистон дар интиқоли маводди мухаддир аз Афғонистон бадном шудааст, аммо касе наметавонад дунболи ин пурсиш биравад: ноқили ин мавод кист? Марзи интиқол дар дасти кист?

***Дар Эрон бо чӣ машғул ҳастед?***

Ҳунаре ҷуз коғазу қалам надорам (шояд, ки қалам ҳам шикаста ва коғаз ҳам фарсуда шуда бошад) … Чизҳое ба чоп расида, дар Тоҷикистон, Маскав, Эрон. “Шеър дар сарчашмаҳои назарӣ”, “Забону адаби форсӣ дар Фароруд”, “Пораи Самарқанд”, “Аз ин ҷо то Бухоро лола боша…”, “Аз Қубодиён то Кирмоншоҳон”, “Шеъри ғарқи хуни устод Бозор Собир” ва ғ. дар Теҳрон ба чоп расидаанд.

***Бо Донишгоҳ низ ҳамкорӣ доред?***

Тахассуси банда “назарияи адабиёт” аст. Поённомаи номзадӣ дар бораи насри мусаҷҷаъ буд. Рисолаи докторӣ низ “Шеър дар сарчашмаҳои назарӣ”. Дар Донишгоҳ худам аз назарияи адабиёт тадрис мекардам ва аммо дар Эрон ин фан тадрис намешудааст, дар ҳоле ки улуми адабӣ сегона аст; таърихи

адабиёт, накди адабӣ ва назарияи адабиёт. Мегуянд, ки бори назарияи адабиётро низ ақди адабӣ мекашад, дар ҳоле ки назарияи адабӣ илмест умумӣ, яъне, дар бораи қонунмандиҳои муштараки адабӣ баҳс мекунад ва аммо илми накди адабӣ (ҳамонанди таърихи адабиёт) вежаи як адабиёти мушаххас аст. Аҷаб ин аст, ки дар Эрон бо ин қидмати фарҳангӣ, ин риштаи муҳим тадрис намешавад.

***Баргардем ба суоли пешин, ки "фардо" буд, ин ки "фардоро чи гуна мебинед?"***

Бо арзи пузиш, ки аз мавзуъ дур афтодем. Замон, ба таъбири мо пеш меравад, яъне ҷулу. Агарчи ин пешравӣ на ҳамеша мусбату созанда аст. Инсоне ба кайҳон парвоз мекунад, дигарӣ ҳам дунболи заҳри қотили кимиёвӣ ҳаст …, вале агар манзур аз "фардо" фардои фарҳангӣ аст, умедвор ҳастем; магар нагуфтаанд: "ноумед шайтон аст?".

Мавзуи "Гуфтугуи тамаддунҳо", ки Президенти муҳтарами Эрон, Сайид Муҳаммади Хотамӣ онро матраҳ карданд, башорате аз фардои умедворкунанда медиҳад.

Дар зимн, мавзуи "Гуфтугуи тамаддунҳо" ба тарзе пешбинӣ ва пешгуӣ шудааст. Соли 1375 дар шумораи севуми "Номаи порсӣ" мусоҳибаи банда бо устод Муъмин Қаноат ба чоп расида ва яке аз посуххои эшон чунин буд: "Эрони имруза ва Эроншаҳр дар ин марҳила рисолати хос дорад. Аз назари геополитикаи таърихӣ, фарҳангӣ, нажодӣ ва исломӣ Эрон мақоми таърихии худро бояд ба даст биёварад.

Мақому эътибореро, ки дар ҷаҳони ислом дорад тақвият диҳад, таърих, илму адабу суннатҳои эронии худро дар партави ислом эҳё ва фаъол кунад; чун кишвари исломӣ ва ориёӣ бо усули хубу озмудаи худ миёнҷӣ ва васлгари хонаводаи аврупоӣ (ориёӣ) ва хонаводаи осиёии исломӣ ва осиёии ориёӣ бошад, хизмати бузургеро ба анҷом мерасонад. Имруз ҳамаи омилҳои ин амр вуҷуд дорад. Эрон ба хотири фарҳангу тамаддуни дерин ва зиндагисозаш мавриди таваҷҷуҳи Аврупо ва Омрико қарор хоҳад гирифт, ва ба шарофати дини мубини исломӣ, мавриди таваҷҷуҳи Осиё ва Офриқо. Эрон пуле мешавад, пуле васлгар".

***"Гуфтугу" чӣ нақше метавонад дошта бошад?***

Банда бар ин бовар аст, ки ҳамаи дину мазҳаб моҳиятан созанда ва муфид ҳастанд. Мутассифона, чангандозон ва ҷангандозон ҳам дар ин миён кам нестанд. Ин тоифаи чангандоз ва сангандоз, ки таассуб дар димоғ мепарваранд, эҳсос мешавад ду тоифа бошанд: яке - аксарияти мутаассиб, ки таассуби эшон самимӣ аст, яъне бар ақида ва андешаи худ бовар доранд; дигарӣ - ақаллияти мутаассиб, ки таассуби эшон самимӣ нест ва зоҳирӣ ва забонӣ аст, яъне реша надорад ва бинобар ғарази кутоҳандешона миёни дин ва мазҳаб ҷангандозӣ мекунанд, ба хотири ҷойгоҳе ва дастгоҳе, ки доранд ва он суде, ки меёбанд. Ва аммо баргардем бар асли матлаб.

Ба чанд нукта бояд таваҷҷуҳ дошт: нахуст ин ки чаро Эрон пешоҳанги гуфтугу шуд? Пешбинии устод Қаноат безамина набуд. Банда ҳам бар ин бовар аст, ки ин фарҳанг ҳам бостонӣ буда, ҳам ҳеҷ гоҳ (хушбахтона) қатъ нашудааст. Дигар ин ки шамшери фарҳанг ҷавҳардор аст, яъне зангназан. Севум ин ки Эрон қаҳрамони фарҳангӣ бисёр дорад ва майдон ҳаргиз холӣ набуда ва холӣ нахоҳад буд, якеро бурданд, дигарӣ ба майдон меояд. Вежагии мумтози ин қаҳрамон ин аст, ки вай хеле ва хеле дурандеш аст.

Хулосаи сухан ин аст, ки ибтикори “Гуфтугуи тамаддунҳо” шудани Эрон ҳодисаи тасодуфӣ нест, балки падидаест ба тамом табиӣ ва мантиқӣ. Мо низ шодмонем, ки Эрони мо вазифаи худро анҷом дод ва сарбаландона парчами “Гуфтугуи тамаддунҳо”-ро баланд бардошт. Ҳам орзу дорем ва ҳам бовар, ки Эрони азиз муваффақ хоҳад буд ва номи машҳурашро боз машҳуртар хоҳад кард. “Шамшери фрҳанг ҷавҳар дорад!”.


پژوهشگاه علوم انسانی و مطالعات فرهنگی
پرتال جامع علوم انسانی